# ТАҚРИЗ

## ба автореферати диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони муосири тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст

Фразеологияи тоҷик имрӯз ба марҳилаи нави рушду инкишофи худ расидааст. Масоиле, ки сароғоз диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб карда буданд, оҳиста-оҳиста доираи омӯзиши фразеологияро васеъ намуда, боиси таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни он шуданд. Дар ин росто, на фақат сохтору хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷик мавриди таҳқиқи муҳаққиқон қарор гирифт, балки омӯзиши фразеологияи осори адибони ҷудогона, шеваҳои забони тоҷикӣ ва таҳқиқи муқоисавии фразеологияи забони тоҷикӣ бо забонҳои ӯзбекӣ, англисӣ, олмонӣ предмети тадқиқи рисолаҳои забоншиносон гардид. Бо вуҷуди ин хусусиятҳои сохтории фразеологизмҳо ба таври бояду шояд ҳаллу фасли худро наёфтаанд. Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала диққати диссертант С.П.Одинаевро ба худ ҷалб намудааст ва унвонҷӯ аз ҳамин зовия ба омӯзиши хусусиятҳои гуногуни воҳидҳои фразеологӣ мароқ зоҳир намудааст. Бинобар ин таҳқиқоти мазкур дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони муосири тоҷик» ба яке аз ҷанбаҳои хеле муҳимми фразеологияи тоҷик бахшида шудааст, ки пайгирии ин масъала аз ҷониби диссертант қобили дастгирист.

Диссертатсия аз муқаддима, се боби асосӣ, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Боби аввал – “Мавқеи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар байни дигар гурӯҳҳои сохтории фразеологияи забони адабии муосири тоҷикӣ” номгузорӣ шуда, дар зербобҳои он оид ба нишонаҳои умумӣ ва махсуси воҳидҳои фразеологӣ, гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ, аз ҷумла ибораҳои фразеологӣ ва ҷумлаҳои фразеологӣ изҳори ақида карда шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия аломату хусусиятҳои муҳимтарини воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Дар ин боб инвариант бо гунаҳо ё худ вариантҳои фразеологӣ муқоиса карда шуда, монандию тафовути онҳо нишон дода шудааст.

Муаллиф дуруст зикр мекунад, ки ҷузъҳои ивазшаванда дар воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб аксаран ба маънои аслии худ меоянд ва дар муайян намудани маънои фразеологизм нақши асосӣ мебозанд. Ҷузъҳои ба тағйирот дучорнагардидаи вариантҳои фразеологӣ бошанд, чунин хусусиятро надорад ва маънои умумии воҳиди фразеологӣ на аз рӯйи ҷузъҳои алоҳида, балки дар асоси маънои яклухте муайян карда мешавад, ки аз ҷамъулҷамъи маънои ҷузъҳои таркиби воҳиди фразеологӣ сар мезанад. Ин ҷузъҳо баръакси

ҷузъҳои ивазшавандаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бештар ба маънои маҷозӣ меоянд.

Дар боби сеюми кор монандӣ ва тафовути воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб аз муродифот ва мутазодоти фразеологӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Муаллифи диссертарсия бо далелҳои эътимодноки илмӣ бар мабнои маводди асарҳои адибони тоҷик умумият ва хусусиятҳои фарққунандаи ин категорияҳои фразеологиро собит намудааст.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони муосири тоҷик» бармеояд, ки диссертант ҳангоми таҳқиқи мавзуъ сарчашмаҳои гуногуни илмиро мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода, хулосаҳои худро баён намудааст. Шеваи таҳқиқи диссертант қобили қабул ва хулосаҳои баровардаи ӯ эътимоднок мебошанд.

Бо вуҷуди дастовардҳо дар автореферат ҷо-ҷо хатоҳои имлоӣ ва техникӣ дучор мешаванд, ки ин ба ҳеҷ ваҷҳ қимати илмии корро коста намегардонад.

Кори диссертатсионии Одинаев Саидаҳмад Полвонович «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик» тадқиқоти анҷомёфтаи илмӣ мебошад ва дар ҳаллу фасли масоили мубраму гуногунҷабҳаи фразеологияи тоҷик – сохтор, маъно, услубиёт ва маншаи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ саҳми боризе хоҳад гузошт ва муаллифи он пурра барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарриз:
Сардори раёсати таълими
Донишгоҳи давлатии Данғара,
номзади илмҳои филология Д.С. Қодиров

Имзои Қодиров Дилшод Сайдаллоевичро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Н.Ҷ. Ҷабборӣ
24.04.2023

Маълумот дар бораи иртибот:
735320, н. Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25
E-mail: kodirov_8080@mail.ru
Телефон: (+992) 93 133 07 77
«27» апрели с. 2023